«Тасдиқ мекунам»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор ____________ Қурбонзода М.Р.
аз «___03___» ________01__________ 2026 с.

# ХУЛОСАИ
## Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

Диссертатсияи Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар мавзуи «Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5. - Назария ва методикаи таълим ва тарбия (5.3.5.1. - Назария ва методикаи таълими таърих) дар кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба шумор мерафт.

Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад соли 2011 ба ихтисоси таърих ва ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар (Қӯрғонтеппа) ба номи Носири Хусрав дохил шуда, онро соли 2016 хатм кардааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» №18ᵃ - фа аз 26.01.2022 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқи донишгоҳи мазкур қабул карда шудааст.

Бо қарори ҷаласаи Шурои олимони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» таҳти №4 аз 30.11.2021 мавзуи рисолаи номзадии Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад таҳти унвони «Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ» зери роҳбарии номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Қурбонов Файзалӣ Асадуллоевич ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул мебошад.

Унвонҷӯ Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 4 (хуб) санаи 17.06.2021, таърих ва фалсафаи илм (илмҳои педагогӣ) бо баҳои 4 (хуб) санаи 29.06.2022 дар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ва имтиҳон аз рӯйи ихтисосро бо баҳои 5 (аъло) санаи 20.11.2024 дар пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон супоридааст.

Диссертатсияи Аҳмадзода Салоҳиддин дар ҷаласаи васеи ғайринавбатии кафедраҳои методикаи таълими таърих ва ҳуқуқ ва педагогика санаи 30.12.2025, №1 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас азислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии дисертатсия дар мавзуи «Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ» чунин хулоса қабул карда шуд:

**– мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия;**

Аз рӯйи натиҷаҳои ташхиси диссертатсияи Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар мавзуи «Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5. - Назария ва методикаи таълим ва тарбия (5.3.5.1. - Назария ва методикаи таълими таърих) маълум карда шуд, ки мавзуи диссертатсия ба самти ихтисоси он мувофиқ буда, мазмун ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 5.3.5. - Назария ва методикаи таълим ва тарбия (5.3.5.1. - Назария ва методикаи таълими таърих) мутобиқат мекунад ва муҳтавои бандҳои дахлдори онро инъикос менамояд.

**– алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ;**

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Тадқиқот ба ҳадафҳои стратегии мамлакат роҷеъ ба мувофиқгардонии натиҷаҳои илмии бунёдӣ ва экспериментали ба воқеияти объективӣ созгор буда, ба барномаҳои давлатии рушди илм дар кишвар мувофиқ мебошад.

**– мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он;**

Унвонҷӯ оид ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 13 мавод интишор

намудааст, ки аз онҳо 5 номгӯй мақолаҳои илмӣ (аз ҷумла 2 номгӯй дар алоҳидагӣ) дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 номгӯй мақола дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ мебошанд. Маводи интишорнамудаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати онро инъикос менамояд.

**– мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо;**

Зимни таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои таҷрибавию озмоишии таҳқиқот санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот аз литсейи давлатии №1 ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9-и шаҳри Бохтар, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8 ва муассисаи давлатии таълимии «Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон» ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15, №67-и ноҳияи Данғара мавҷуд аст. Дар онҳо таҳлили озмоиш бо истифода аз усулҳои гуногун, дараҷаи тахассусии азхудкунии малакаҳои таҳлилӣ аз ҷониби хонандагон, хулосаҳои амсилаи озмоишӣ оид ба рушди ҳофизаи таърихии хонандагон ва такмили илмию техникии тафаккури таҳлилӣ бо дарназардошти равиши ҳамгироии таълим баён гардидааст.

**– саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ.**

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар он зуҳур меёбад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллифи он мустақилона анҷом дода шуда, дар асоси натиҷаҳои илмии ҳосилгардида мақолаҳои илмӣ ба чоп расиданд, инчунин иштироки бевоситаи ӯ дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асосноккунии мавзуъ, тартиб додани сохтори рисола, муайян кардани мақсаду вазифа ва объекту предмет, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ доир ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва мураттабсозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ инъикос меёбад.

Диссертатсияи Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар мавзуи «Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.3.5. - Назария ва методикаи таълим ва тарбия (5.3.5.1. - Назария ва методикаи таълими таърих) мутобиқат менамояд: номзади илмҳои педагогӣ.

Диссертатсия дорои муқаддима, се боб, нуҳ параграф, хулоса ва

рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 номгӯй дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 2,3 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

**Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:**

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

1. Қаландаров С.А. Ташаккули малакаҳои таҳлилӣ - таърихӣ ва методологияи он // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – №4 (49). – С. 114 -121. ISSN 2222-9809.

2. Қаландаров С.А., Қурбонов Ф.А. Шароитҳои психологию дидактикии ташаккули тафаккури таҳлилии хонандагон // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2024. – №4 (48). – С. 200-206, ISSN 2617- 5320.

3. Қаландаров С.А., Қурбонов Ф.А. Шароити психологию дидактикии ташаккули тафаккури таҳлилӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – № 12. Қисми II. – С. 356-362. ISSN 2074-1847.

4. Қаландаров С.А. Сарчашмаҳои тарҳрезии ҳофизаи таърихии тоҷикон дар мисоли омӯзиши ғояҳои педагогии ниёгон ва мутафаккирони муосир // С. Қаландаров / Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2025. – №1-4 (140). - С. 185-190. -ISSN 2663-5534

5. Қаландаров С.А., Қурбонов Ф.А. Шароитҳои психологию дидактикии ташаккули тафаккури таҳлилии хонандагон // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – Душанбе, 2025 – №1 (55). – С. 104 -111. ISSN 2222-9809.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

1. Қаландаров С.А. Нақши китоби “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров дар ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон // Маводи Конференсияи илмӣ – назарияви ҷумҳуриявӣ бахшида ба 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров дар мавзуи «Бобоҷон Ғафуров – муаррифгари таърих ва тамаддуни тоҷикон». 16 декабри соли 2023. Бохтар, 2023. – с. 216-219.

2. Қаландаров С.А. Эҳёи ҳофизаи таърихӣ дар асарҳои таърихии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон //

Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Маърифати ҳуқуқӣ - омили инкишофи давлати ҳуқуқбунёд", бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ». - 21-22-юми ноябри соли 2024. – Душанбе, "Мулквар", 2024. – с. 235.

3. Қаландаров С.А. Нақши ҳофизаи таърихӣ дар ташаккули ҳувият ва худшиносии миллӣ // Республиканской научно-практической конференции «Актуальные проблемы лингвистики и перевода», посвященная реализации Государственной программы совершенствования преподавания и изучения русского и английского языков в Республике Таджикистан на период до 2030 года и 30-летию принятия Конституции Республики Таджикистан (8 ноября 2024 года) – Душанбе, 2024. – с.381.

4. Қаландаров С.А. Ҳофизаи таърихии ниёгони тоҷикон дар мисоли омӯзиши ғояҳои педагогии мутафаккир Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Мақоми Мавлонои Балхӣ дар фарҳангу адаби милливу умумибашарӣ». - 13 – 14 декабри соли 2024. -Бохтар, 2024. - 547 саҳифа.

5. Қаландаров С.А. Ташаккули ҳофизаи таърихӣ ва тарбияи ватандӯстии хонандагон дар мисоли корнамоиҳои иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) // Мақолаҳо аз конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Нақши шаҳрвандони Тоҷикистон дар таъмини Ғалаба дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)». – Бохтар, 2025. – с. 583-591.

6. Қаландаров С.А. Эҳё ва ҳифзи ҳофизаи таърихӣ ва арзишҳои миллию фарҳангӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Роҳҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ҳуқуқии мубориза бар зидди таҳдидҳои замони муосир", (Данғара – 13–уми июни соли 2025). – Бохтар: Матбааи ҶДММ "Ношир-С", 2025. – 231 с.

7. Аҳмадзода С.А. Хусусиятҳои назариявӣ ва сохтории ташаккули тафаккури таҳлилии хонандагон // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Педагогикаи шахсиятсозӣ ва нақши омӯзгор дар рушди устувори ҷомеа", (Данғара – 21–уми октиябри соли 2025) - Данғара, 2025 – с. 248.

8. Аҳмадзода С.А. Қурбонов Ф.А. Ҳофизаи таърихӣ ҳамчун омили ташаккули ҳувияти миллӣ // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи "Муошироти бисёрфарҳангӣ, нақши забонҳо, адабиёт ва илм дар рушди ҷомеаи муосир", (Душанбе – 20–уми ноябри соли 2025) - Душанбе, 2025 – с. 642-647.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи унвонҷӯ Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар мавзуи «Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5. - Назария ва методикаи таълим ва тарбия (5.3.5.1. - Назария ва методикаи таълими таърих) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи унвонҷӯ Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар мавзуи «Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5. - Назария ва методикаи таълим ва тарбия (5.3.5.1. - Назария ва методикаи таълими таърих) бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса, дар ҷаласаи васеи ғайринавбатии кафедраҳои методикаи таълими таърих ва ҳуқуқ ва педагогика санаи 30.12.2025. қабул гардидааст:

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 19 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» – 19 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқи МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» — Садриддини А.

Котиби ҷаласа, саромӯзгори кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқи МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» — Тағойзода С.Қ.

Имзоҳои Садриддини А. ва С. Тағойзодаро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» — Нажмидинов М.М.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС